Сахттарин азобро назди Аллоҳ дар рӯзи қиёмат касоне доранд, ки кӯшиш мекунанд монанди махлуқоти Аллоҳ бисозанд

Аз Оиша модари муъминон (разияллоҳу анҳо) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ба наздам даромад, дар ҳоле, ки бо порчаи пашмин, ки дар он муҷассамаи ҷондор тасвир шуда буд, тоқчаеро пӯшонида будам. Вақте онро дид, бардошт ва ранги рӯяш тағйир ёфт ва гуфт: "Эй Оиша, Сахттарин азобро назди Аллоҳ дар рӯзи қиёмат касоне доранд, ки кӯшиш мекунанд монанди махлуқоти Аллоҳ бисозанд" Оиша мегӯяд: "Онро пора карда аз он як ё ду болишт сохтем."

[Саҳеҳ] [متفق عليه]

Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) барои дидани Оиша (разияллоҳу анҳо) вориди хонааш шуд ва ҷевони кӯчакеро дид, ки дар он ашё нигоҳ дошта мешуд. Бо порчае, ки дар он тасвири мавҷудоти зинда буд, пӯшонидааст. Пас ранги чеҳраи он Ҳазрат аз рӯйи хашм барои Аллоҳ дигар шуд ва гуфт: Сахттарин азоби рӯзи қиёмат насиби касоне хоҳад буд, ки бо тасвирҳои худ ба офаридаҳои Аллоҳ тақлид мекунанд. Оиша мегӯяд: Онро пора карда як ё ду болишт сохтем.

http://www.sunnah.global/hadeeth/tg/show/5931